# Силсилаи тарбияи фарзандон, қисми панҷум: Хусусиятҳои як мураббии муваффақ

سلسلة تربية الأولاد, القسم الخامس: خصائص المربي الموفق

< الطاجيكية >

Ҳақназаров Тоҳир

حقنظراو طاهر

# Силсилаи тарбияи фарзандон, қисми панҷум: Хусусиятҳои як мураббии муваффақ

Бояд донист, ҳарчанд камоли башарият фақат барои Расули Худост, аммо чанд хусусиятҳои асосӣ ҳастанд, ки ҳар гоҳ шахси мураббӣ худро ба онҳо наздик ва пероста созад, мусалламан дар кори тарбиятӣ барои ӯ кӯмаки муассире хоҳанд шуд. Бинобар ин, инсон бо тамоми қудрату тавони худ талош мекунад, то он сифатҳоро дошта бошад ва пайваста дар ҳифзу нигаҳдории онҳо бикӯшад, то ин ки соҳиби ахлоқи хубу писандида ва сифатҳои ситуда бирасад ва саранҷом дар назари насли ҷавон ба унвони як мураббии намуна ва сармашқи мавриди назар ба ҳисоб ояд.

Инак баёни порае аз ин хусусиятҳое, ки мураббӣ мекӯшад онҳоро дошта бошад:

## Ҳилм ва виқор

Дар ривоятомадааст, ки Расули Худо (с) ба Ашаҷҷи Абдулқайс фармуданд:

***«Бегумон дар вуҷуди ту ду хислат ҳаст, ки Худованд онҳоро дӯст дорад ва он ду иборатанд аз ҳилм ва виқор».***

Акнун достони бисёр ҷолиберо баён мекунем, ки аз аҳаммияти ҳилму бурдборӣ ва оромию виқор дар сохтори ахлоқи насли ҷадид ҳикоят мекунад. Ривоят аст, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир гуфт: *«Рӯзе назди Маъмун будам, яке аз хидматгорони худро нидо кард: «Эй ҷавон!» Аммо касе ҷавобашро надод. Бори дуюм нидо карду фарёд намуд: «Эй ҷавон!» Ногаҳон як ҷавони турк ворид шуд, дар ҳоле ки мегуфт: «Чӣ хабар аст? Оё ғулом ҳақ надорад, чизе бихӯрад ва бинӯшад? Ҳар вақте аз ин ҷо берун меравем, фавран фарёд мекашӣ. «Эй ғулом, эй ғулом!» Охир чӣқадар «эй ғулом, эй ғулом мегӯӣ?»* Абдуллоҳ мегӯяд: *«Маъмун бо хорӣ муддати зиёд сарашро ба зер афканд ва ман гумон бурдам ҳозир ба ман дастур медиҳад, ки гарданашро бизанам. Сипас, ба ман нигоҳ карда, гуфт: «Эй Абдуллоҳ! Вақте ахлоқи мард хуб бошад, ахлоқи хидматгоронаш бад мешавад ва мо наметавонем ба*

*хотири ин, ки ахлоқи хидматгорони худро хуб кунем, ахлоқи хешро бад намоем».*[1]

## Мудоро кардан ва дурӣ ҷустан аз дуруштиву сахтдилӣ

Дуюмин хислате, ки шахси мураббӣ мекӯшад ба он даст ёбад, нармиву мудоро кардан бо дигарон ва парҳез аз дурушттӯиву сахтдилӣ нисбат ба онон аст.

Чунонки омадааст, Расули Худо (с) фармуданд:

***«Худованд Меҳрубон аст ва меҳрубониву мадороро дӯст медорад ва он чиро, ки ба лутфу меҳрубонӣ ато мекунад ба хушунату сахтгирӣ ва бо ҳеҷ чизи дигаре ато намекунад».***[2]

Ва мефармоянд: ***«Бегумон, нармиву меҳрубонӣ дар ҳар чизе бошад, онро зинат медиҳад ва аз ҳар чизе, ки бардошта шавад, онро маъюбу ноқис мегардонад».***[3]

Ҷарир ибни Абдуллоҳ гуфтааст: *Аз Расули Худо (с) шунидам, ки мефармуданд:* ***«Касе, ки аз нармиву меҳрубонӣ маҳрум бошад, аз тамоми хайру баракат маҳруму бенасиб мегардад».***[4]

Ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) ба Оиша (р) фармуданд:

***«Эй Оиша, меҳрубон бош, зеро Худованд вақте хайри хонаводаеро бихоҳад, эшонро бар нармиву меҳрубонӣ варзидан раҳнамоӣ мекунад».***[5]

Ва дар ривояти дигар омадааст: ***«Вақте Худованд барои хонаводае хайру некӣ бихоҳад, нармиву меҳрубониро бар онон ворид мекунад».***

Расули Худо (с) дар ривояти дигар фармуданд:

***«Худованд меҳрубон аст ва аҳли рифқу мадороро дар тамоми корҳо дӯст медорад».***[6]

---

[1]. Нақл аз китоби Тарбиятул-авлод (Абдуллоҳ Улвон).

[2]. Ба ривояти Муслим аз Оиша (р).

[3]. Ба ривояти Муслим.

[4]. Ба ривояти Муслим аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ (р).

[5]. Ба ривояти Аҳмад.

[6]. Ба ривояти Муслим аз Оиша (р).

Аз Абуҳурайра (р) ривоят шуда, ки гуфт: *Мо ҳамроҳи Расули Худо (с) намози хуфтанро баргузор менамудем ва ҳангоме, ки Расули Худо (с) намоз мехонд, дар вақти саҷда Ҳасану Ҳусайн (р) рӯи пушти муборакашон мепариданд ва вақте сарашро аз саҷда баланд мекард, ононро ором мегирифт ва бо меҳрубонӣ рӯи замин мегузорид ва ҳангоме ки ба саҷда мерафт, дубора бармегаштанду ҳамон корро такрор мекарданд. Вақте ки намозро мегузорид (ва салом медод) яке аз ононро дар як тарафу дигареро низ дар тарафи дигар мегузошт. Ва ман назди он ҳазрат (с) рафта арз кардам: «Эй Расули Худо (с)! Иҷозат мефармоед эшонро назди модарашон барам? Он ҳазрат (с) фармуд:* ***«Не».*** *Ногаҳон модарашон аз дур падидор шуд ва Расули Худо (с) фармуд:* ***«Биравед назди модаратон».*** *Онон роҳ афтоданд, то ба модарашон расиданд ва ба ӯ ҳамроҳ шуданд.*[7]

Инак достони ҷолиб ва омӯзандаеро аз салафи солеҳ барои шумо хонандагони мӯҳтарам нақл мекунем, то ба рафтору кирдори онон нисбат ба якдигар пай бубаред: Дар ривоят омадааст: *«Зайнулобидин (р) ғуломе дошт, ки дар як зарфи сафолин об бар дасти ӯ мерехт. Ногаҳон зарф бар рӯи пои Зайнулобидин афтода, шикаст ва пояш захмӣ шуд. Ғулом фавран гуфт: «Эй сарварам! Худованд мефармояд:* **«Касоне, ки хашми худро фурӯ мехӯранд…».**[8] Зайнулобидин низ гуфт: *Хашми худро фурӯ бурдам ва аз ту даргузаштам, чун Худованд мефармояд:* **«…ва аз мардум гузашт мекунанд** (дар саффи некӯкорон қарор мегиранд ва) **Худованд некӯкоронро дӯст медорад».**[9] Пас Зайнулобидин гуфт: *Ба хотири ризои Худо туро бахшидам ва ту озод ҳастӣ».*[10]

## Қалби меҳрубон ва ғамхор

Севвумин хусусиятҳое, ки мӯҷиби муваффақияти шахси мураббӣ мешавад, доштани қалбе саршор аз меҳру шафқат нисбат ба афрод аст, чунонки аз Абусулаймон Молик ибни Ҳувайрис нақл шуда, ки гуфт: *Мо чанд тан аз ҷавонон, ки бо якдигар*

[7]. Ба ривояти Ҳоким дар «Мустадрак». – Ҷ. 1.. – С. 167.
[8]. Сураи Оли Имрон, 3: 134.
[9]. Сураи Оли Имрон, : 134.
[10]. Нақл аз китоби Тарбияту-л-авлод (Абдуллоҳ Улвон).

*ҳамсинну сол будем, назди Расули Худо (с) рафтем ва муддати бист шабонарӯз назди ӯ мондем. Аз он ҷо, ки Расули Худо (с) бисёр меҳрубону дилсӯз буданд, донистанд, ки мо хонаводаи худро тарк кардаем ва муштоқи дидори эшон мебошем. Бинобар ин, иллати тарк намудану баҷогузоштани ононро аз мо савол карданд. Мо низ моҷароро ба арзи эшон расонидем. Сипас фармуданд:*

***«Ба назди хонаводаи худ баргардед, дар миёни онон ба иқомаи намоз ва ибодат бипардозед ва аҳкоми исломиро ба эшон биомӯзед ва дар ҳаққи онон некӣ кунед, ба онон ёд диҳед** (он тавре, ки аз ман мебинед) **намоз бихонанд, дар фалон мавқеъ ва дар фалон вақт чунин ва чунон намоз бигузоранд ва ҳар гоҳ вақти намоз фаро расид, яке аз шумо азон бигӯяд ва бузургтарини шумо** (аз назари илму парҳезгорӣ) **барои шумо имом шавад».*** [11]

Ривоят шудааст, ки *Расули Худо (с)* фармуданд:

***«Ҳар дарахте мевае дорад ва меваи қалб низ фарзанд аст. Бегумон Худованд раҳм намекунад ба касе, ки ба фарзанди худ раҳм намекунад. Қасам ба зоте, ки вуҷудам дар дасти ӯст, касе дохили биҳишт мешавад, ки бисёр меҳрубону бораҳм бошад».*** Арз кардем: *«Эй Расули Худо! Ҳамаи мо раҳм мекунем».* Он ҳазрат фармуданд: ***«Раҳм кардан он нест, ки яке аз шумо ба рафиқаш раҳм кунад, балки раҳм кардан он аст, ки ба ҳамаи мардум раҳм кунад».*** [12]

Абуумома гуфтааст: «*Расули Худо (с) занеро диданд, ки ҳамроҳи худ ду фарзанд (духтар) дошт, яке аз ононро бар дӯш гирифта буд ва дигареро ба дунболи худ мекашид. Расули Худо (с) фармуданд:*

***«Модарон** (нисбат ба фарзандони худ) **ҳомилон ва бардорандагони бисёр хуб ва меҳрубоне ҳастанд. Агар онон дар умури хонаводагӣ ва дар масоили маъруфи динӣ ва шаръии заношӯӣ кӯтоҳиву хиёнат наварзанд ва бо шавҳарони худ сари носозгорӣ надошта бошанд ва намозу ибодати Худоро низ ба ҷой биёваранд, албатта дохили биҳишт мешаванд».*** [13]

---

[11]. Ривояти Бухорӣ ва Муслим.

[12]. Ба ривояти Баззор аз Ибни Умар (р).

[13]. Ба ривояти Ҳоким дар «Мустадрак». ҷ. 4.. – С. 173.

Дар ривояти дигаре аз Абуумома (р) омадааст, ки: «*Рӯзе зане назди Расули акрам (с) омад, дар ҳоле ки ҳамроҳи худ ду фарзанд дошт. Пас Расули Худо (с) се адад хурмо ба он зан дод ва ӯ низ ба ҳар як аз фарзандони худ як хурмо дод. Сипас, яке аз он ду гирист ва ӯ хурмои сеюмиро ду нисф кард ва ба ҳар кадом як нисф дод.* Расули Худо (с) фармуданд: ***«Модарон нисбат ба фарзандони худ ҳомилон ва бардорандагони хубе ҳастанд. Агар онон дар умури хонаводагӣ ва дар масоили маъруфи диниву шаръии заношӯӣ кӯтоҳӣ ва хиёнат наварзанд ва бо шавҳарони худ сари носозгорӣ надошта бошанд ва намозу ибодати Худоро низ ба ҷой биёваранд, албатта дохили биҳишт хоҳанд шуд».***[14]

## Интихоби осонтар

Яке аз хусусиятҳои дигаре, ки боиси муваффақияти мураббӣ мешавад, ин аст, ки агар дар интихоби ду амр соҳибихтиёр шуд, он якеро, ки осонтар мебошад, интихоб кунад, модоме ки гуноҳеро дарбар надошта бошад. Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки гуфтааст:

***«Ҳар гоҳ Расули Худо (с) барои интихоби яке аз ду амр мухайяр мегардид, албатта осонтари он дуро ихтиёр мекард, модоме ки гуноҳ намебуд, аммо агар*** *(амри осонтар)* ***гуноҳеро дарбар медошт, аз ҳар касе аз он бештар дурӣ меҷуст ва Расули Худо (с) ҳаргиз аз касе, ки нисбат ба шахси ӯ беадабиву беҳурматӣ мекард, интиқом намегирифт, аммо агар нисбат ба маҳорими Худо беҳурматӣ мешуд, ба хотири ризои Худо интиқом мегирифт ва тарафи муқобилро адаб медод».***[15]

## Мулоимат ва гузашт

Мураббии муваффақ касе аст, ки дарвоқеъ тавони дарку фаҳми комили дигаронро дошта бошад, зоҳирбин ва тангназар набошад,

---

[14]. Ривояти Ҳоким дар «Мустадрак, Аъмаш онро таъйид кардааст, аммо Ҳоким онро тавзеҳ надодааст.
[15]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.

то битавонад ҳангоми пайдо шудани масоили номатлуб аз худ мулоимату гузашт нишон диҳад. Чунонки аз Ибни Масъуд ривоят шуда, ки Пайғамбар (с) фармуданд:

***«Оё шуморо бохабар созам ба ин, ки чӣ касе дохили ҷаҳаннам намешавад ё оташи дӯзах бар ӯ ҳаром мегардад? Оташи дӯзах бар ҳар шахси богузашт, ором ва осонгирҳаром мебошад.***[16]

**Дурӣ ҷустан аз хашму асабоният**

Шахси мураббӣ бояд аз хашму асабоният комилан парҳез кунад, зеро хашму асабонияти девонавор яке аз сифатҳои бисёр зишт ва боздоранда дар амри тарбиявӣ ва ҳатто дар умури иҷтимоӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ инсон тавонад бар хашми худ ғолиб шавад ва кинаи хешро фурӯ барад ва онро пинҳон дорад, албатта чунин фарде нисбат ба худ ва фарзандонаш растагор мебошад. Аммо агар натавонад бар хашми худ ғолиб ояд ва онро фурӯ нишонад, мусалламан худ ва фарзандонаш муваффақу растагор нахоҳанд шуд. Чунонки гӯянд: *Марде назди Расули Худо (с) омад, то ӯро ба анҷоми амри хоссе супориш кунад, Расули Худо (с) се бор ба такрор фармуданд:*

***«Хашмгин машав!».***[17]

Ҳамчунин касе битавонад хашми худро фурӯ нишонад, Расули Худо (с) онро нишонаи шуҷоату далерии ӯ донистааст. Чунонки аз Абуҳурайра (р) ривоят шудааст, ки Расули Худо (с) фармуданд:

***«Нерӯмандӣ он нест, ки шахс зӯрозмоӣ кунад ва фардеро ба замин занад, балки нерӯмандӣ он аст, ки шахс ҳангоми хашм бар нафси хеш мусаллат бошад ва онро ба назорати худ даровrepresentative».***[18]

Дар ривояте омадааст: «Зайнулобидин (р) ғуломе дошт, ду бор ӯро садо зад, аммо ҷавобашро надод. Зайнулобидин (р) ба ӯ гуфт: «*Магар садои маро нашунидӣ?*» Ғулом гуфт: «*Чаро не, шунидам*». Зайнулобидин (р) гуфт: «*Пас чӣ чизе туро водор намуд, ба ин, ки*

---

[16]. Ба ривояти Тирмизӣ, Ибни Ҳиббон ва Хароитӣ.

[17]. Ба ривояти Бухорӣ аз ҳадиси Абӯҳурайра (р).

[18]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.

*ҷавобамро надиҳӣ?»* Ғулом гуфт: «*Ба ин хотир, ки ҳам худро аз ту дар амон медидам ва ҳам ахлоқи поку хуби туро мешинохтам, бинобар ин, аз ҷавоб додан таъхир намудам».* Зайнулобидин (р) гуфт: «*Худоро сипосгузорам, ки ғуломамро аз ман эмин гардонидааст.*[19]

## Эътидол ва миёнаравӣ

Дигар аз хусусиятҳое, ки мӯҷиби муваффақияти шахси мураббӣ мегардад, риояи комили эътидол ва миёнаравӣ аст дар кори таълиму тарбия, зеро дар тамоми корҳо зиёдаравӣ ва берун рафтан аз ҳадди шаръӣ ва маъқул амре аст нописандида. Ба ҳамин хотир аст, ки мебинем Расули Худо (с) ҳатто дар умури динӣ эътидол ва миёнаравиро дӯст медошт, чӣ расад ба соири умури зиндагӣ ва дунявӣ, махсусан дар кори тарбиявӣ.

Аз Абумасъуд Уқба ибни Умари Бадрӣ (р) ривоят шудааст, ки: *«Марде назди Паёмбари Худо (с) омада гуфт: «Ман намози субҳро ба таъхир меандозам ва онро бо ҷамоат намехонам, ба хотири ин ки фалонӣ ҳангоме ки барои мо имоматӣ мекунад, намозро зиёд тӯл медиҳад. (Абумасъуд мегӯяд): «Ман ҳеҷ вақт Расули Худо (с)-ро дар вақти мавъиза аз он рӯз асабонитар надида будам. Пас рӯ ба мо карда, фармуданд:*

***«Эй мардум! Иддае аз шумо*** *(аз хондани намози бо ҷамоат ба хотири тӯл додани он)* ***гурезон шудаанд, ҳар кадом аз шумо барои мардум имоматӣ кард, бояд онро сабуку мухтасар бихонад*** *(ва зиёд тӯл надиҳад),* ***зеро дар миёни афроде, ки пушти сари ӯ ҳастанд, ашхоси пиру ҷавон*** *(ва заъифу нотавон)* ***ва ҳамчунин афроди ниёзманд ба қазои ҳоҷат вуҷуд доранд».***[20]

## Интихоби вақт ва мавқеъи муносиб барои мавъизаи ҳасана

Дигар аз хусусиятҳое, ки мӯҷиби муваффақияти шахси мураббӣ мешавад, парҳез аз пургӯиву ҳошияравии бемаврид аст,

---

[19]. Нақл аз китоби Тарбияту-л-авлод (Абдуллоҳ Улвон).

[20]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.

балки бояд фақат ба панду андарзи неку судманд бипардозад. Зеро пургӯӣ ва суханварии худсаронаву ғайримасъулона хоҳони зиёде надорад ва дар қалби шунавандагон ҷой намегирад, дар ҳоле ки медонем касе, ки бо дархости дигарон ба суханронӣ мепардозад ва худро ӯҳдадор ба мавъизаи неку содиқона медонад, дар ҳар замоне тарафдорони зиёде дорад ва бо иштиёқи фаровон онро мепазиранд. Ба ҳамин хотир буд, ки Имом Абӯҳанифа (раҳ) шогирдони худро насиҳат карда, мегуфт: «Баҳсҳои *фиқҳиро бо касе, ки тамоюл надорад ва хоҳони он нест, анҷом надиҳед».*

Ҳамчуноне ки саҳобаи гиромӣ ҳамин мавзӯъро аз амали Расули Худо (с) дарк мекарданд. Чунонки аз Абувоил Шақиқ ибни Салама (р) ривоят шуда, ки гуфтааст: «*Ибни Масъуд дар рӯзҳои панҷшанбе якбор барои мо сӯҳбат мекард. Рӯзе як нафар ба ӯ гуфт: «Эй Абоабдурраҳмон*[21] *дӯст дорем ту ҳар рӯз барои мо сӯҳбат кунӣ». Ибни Масъуд гуфт: «Он чӣ, ки маро аз ин кор боз медорад, ин аст, ки ман дӯст надорам шуморо хаставу малол кунам ва ман ӯҳдадори мавъизаи шумо мешавам ҳамон тавре, ки Расули Худо (с) ба хотири парҳез аз хаста шудани мо (ба навбат) онро анҷом медод.*[22]

---

[21]. Куняи Ибни Масъуд (р) аст.

[22]. Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.

IslamHouse.com